«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.и., профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
__________________
«28» 01 2022

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи докторӣ зери унвони **“Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ”** дар кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло** соли 2005 факултети филологияи тоҷикро бо дипломи “аълочӣ” хатм кардааст. Аз соли 2003 то 2005 мудири кабинети “Махзани адаб”-и факултети филологияи ДМТ-ро ба уҳда дошт. Солҳои 2005-2009 аспиранти шуъбаи ғоибона ва аз соли 2005 ба сифати ассистент, муаллими калон ва баъдан дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ барои ихтисосҳои ғайрифилологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба фаъолият шуруъ намудааст. Аз соли 2009 то моҳи сентиябри 2011 ба ҳайси ёвар ва мушовири муовини аввали ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ифои вазифа кардааст. Аз соли 2011 то соли 2013 дар вазифаи мудири шуъбаи тайёрии ДМТ кор карда, аз соли 2013 то ҳол дар вазифаи директори литсейи ДМТ фаъолият намуда истодааст.

Рисолаи номзадияшро таҳти унвони “Азрақии Ҳиравӣ ва хусусиятҳои бадеӣ-эстетикии қасоиди ӯ” 26-уми январи соли 2012 ҳимоя намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети филологияи ДМТ аз 23.01.2018, қарори №5 тасдиқ шудааст.

**Мушовири илмӣ:** Мисбоҳиддини Нарзиқул – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Наҷмиддин Низомиддин Убайдуллоҳ Зоконии Қазвинӣ маъруф ба Убайди Зоконӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз ҷумлаи адибони машҳуре маҳсуб мешавад, ки бо офаридани асарҳои манзуму мансур сабки махсуси худро ба намоиш гузоштааст. Осори адабии манзуми ӯ аз қасида, ғазал, рубой ва "Ушоқнома" иборат буда, аз назари шеваи баён ва сабки сухан аз шоирони муосираш фарқ мекунад. Асарҳои мансури Убайди Зоконӣ, ки аз "Ахлоқ-ул-ашроф", "Ришнома", рисолаи "Дилкушо", "Садпанд", "Даҳфасл", "Мактуби қаландарон" ва "Наводир-ул-амсол" иборатанд, дар умум, бо фарогирии мушаххасоти муайян ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои ғоявӣ, амсоли ҳаҷву мутоиба, танз ва мухтассоти он, накди иҷтимоӣ, афкори дидактикӣ, шиква аз ҳоли худ ва нобасомониҳои рӯзгор ва ҳам бо хусусиятҳои хоссу боризи бадеӣ, ба мисли эҷози сухан ва балоғати калом, унсурҳои фолклорӣ ва диди мардумӣ, сабк ва тарзи баён, воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ дар қиёс ба манзараи умумии густариши наср ба забони порсӣ дар асрҳои миёна мумтоз буда, яке аз шеваҳои махсуси насри бадеиро муаррифӣ менамоянд.

Масъалаҳои дар ин таҳқиқ баррасишаванда, аз ҷумла, мақоми наср дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ, вижагиҳои сохториву шаклӣ ва жанрии осори насрии адиб, таъйини хусусиёти мундариҷавии онҳо, вижагиҳои ҳаҷву мутоиба, танз, накди иҷтимоӣ, афкори дидактикӣ, оҳангҳои шиквоия, мухтассоти сабкӣ ва воситаҳои баёну тасвироти бадеӣ то ба ҳол аз ҷониби муҳаққиқон, чи ватаниву чи хориҷӣ, мавриди таҳқиқи монографӣ қарор нагирифтааст. Дар иртибот бар ин, сохтори ҳикоёт ва латоифи Убайди Зоконӣ, мухтассоти образҳо дар ҳикоёту латоифи вай, образҳои мушаххас ва маҷҳул, мусбат ва манфӣ, барҷаста ва бисёрамалкунанда, марҳалавиву лаҳзавӣ, чигунагии фаъолияти онҳо дар осори Убайди Зоконӣ, мақоми ҳикоёт ва вижагиҳои онҳо дар эҷодиёти адиб, анвои ҳикоёти ӯ аз рӯйи сохтору шакл, вобаста ба чигунагии тарзи тарҳрезии онҳо дар матн, луғатнигорӣ ҳамчун жанри бадеӣ дар осори Убайд, хусусиятҳои сохториву

мундариҷавии панду ҳикмат дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ, ки дар таҳқиқоти ҳозир аз ҷумлаи мабоҳиси таҳқиқшаванда ҳастанд, ҳама актуалӣ буда, аз аҳаммияти илмию амалӣ бархурдор мебошанд.

Ҷиҳатҳои мазкури осори маснури Убайди Зоконӣ то кунун дар адабиётшиносии тоҷик бо чунин тафсилу дақиқият омӯхта нашудаанд.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқро** асарҳои мансури Убайди Зоконӣ, қадимтарин маҷмуаи осори Убайди Зоконӣ, ки мутааллиқ ба асри XIV (соли 707 ҳ. / 1308 милодӣ) аст, маҷмуаи интиқодии таҳиянамудаи донишманди тоҷик Ҷобулқо Додалишоев, ки дар асоси қадимтарин ва муътамадтарин осори Убайди Зоконӣ сурат пазируфтааст, дигар маҷмуаҳо ва асарҳои дар давраҳои гуногун батабърасидаи Убайди Зоконӣ, манбаъҳои адабию таърихӣ, тазкираҳо ва дигар маохизу мароҷеъи адабии асримиёнагие мебошанд, ки ба баҳси наср ихтисос доранд. Дар таълифи мабоҳиси ҷудогонаи диссертатсия аз афкору андешаҳои илмӣ-назариявии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, махсусан, андешаҳое, ки марбут бар назарияи наср, умуман ва осори насрии Убайди Зоконӣ, хоссатан, таълиф ёфтаанд, истифода шудааст.

Ҳамчун манбаъҳои ёвар осори илмӣ-таҳқиқотие, ки ҳам аз ҷониби донишмандони тоҷик ва ҳам хориҷӣ роҷеъ ба Убайди Зоконӣ ва асарҳои мансури ӯ таълиф шудаанд, истифода шудааст. Дар баррасии масъалаҳои ҷудогона аз осори дигари мавриди ниёз низ истифода шудааст, ки рӯйхати пурраи ҳамаи манобеъ ва маохиз дар бахши “Рӯйхати адабиёт”-и диссертатсия оварда шудаанд.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** ин диссертатсияро таҷрибаи таҳқиқии муҳаққиқони адабиётшинос, шарқшинос, эроншиноси хориҷию ватанӣ, ба монанди Е.Э. Бертелс, Э. Браун, В.В. Виноградов, В.В. Томашевский, Г.Н. Поспелов, Г.Л. Абрамович, М. Баҳор, З. Сафо, Қ. Ғанӣ, А. Зарринкӯб, Ш. Кадканӣ, М. Моҳавзӣ, М. Муин, Э. Ёршотир, М. Ибодиён, А. Навоӣ, М. Ёршотир, А. Ҳақиқат, Ҷ. Ҳумоӣ, С. Шамисо, М. Футӯҳӣ, А. Тамимдорӣ, М. Иқболӣ, Ҳ. Саффоридухт, М. Растагор, П. Атобакӣ, А. Баҳманӣ, Х. Мирзозода, А. Афсаҳзод, М. Бақоев, У. Каримов, Х. Шарифов, Р.

Мусулмониён, А. Насриддинов, М. Имомзода, Н. Салимӣ, С. Солиҳов, М. Муродов, А. Абдусатторов, М. Нарзиқул ва дигарон ташкил додааст.

Диссертатсия дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, китобхонаӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори осори адабӣ навишта шудааст.

**Навоварии таҳқиқ.** Ин диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи монографӣ дар мавзуи хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ буда, дар он масъалаҳои таҳаввули насри бадеӣ то замони Убайди Зоконӣ, асарҳои мансури Убайди Зоконӣ аз назари мухтассоти жанрӣ, хусусиятҳои ғоявӣ: вижагиҳои ҳаҷву мутоиба, танз ва мухтассоти он, накди иҷтимоӣ, афкори дидактикӣ, мазмунҳои марбут ба шиква аз ҳоли худ, нобасомониҳои рӯзгор ва хусусиятҳои бадеӣ: эҷози сухан ва балоғати калом, ҷузъиёти унсурҳои фолклорӣ ва диди мардумӣ, масъалаҳои сабк ва тарзи баён, воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Баррасии фарогири хусусиёти сабкии осори мансури Убайди Зоконӣ, ки бар асоси равиши ҷадиди шинохти сабки фардӣ анҷом шудааст, яке аз муҳимтарин навгониҳои илмӣ дар ин диссертатсия ба ҳисоб меравад. Дар иртибот бар ин масъала ва дар пайванд бо мабоҳиси хусусиятҳои забонӣ, фикрӣ ва адабӣ дар кор муҳимтарин ва назаррастарин вижагиҳои осори адиб, ба мисли таваҷҷуҳи зиёд ба нукоти таърихӣ, корбурди вожаҳо ва ифодаҳову таркибҳои халқӣ, воқеияттнигорӣ дар баёни матолиб, истифодаи вожаҳои форсӣ-тоҷикӣ бо артикли арабии “ал”, корбурди вожаҳои порсоёна ва хусусиёти онҳо, истифода аз вожаҳову ибороти хароботиву ғайрипорсоёна, вожаҳои номустаъмали арабӣ, феълҳои ноби форсӣ-тоҷикӣ дар тарҳбандии ҷумлаҳо, истифодаи муколама ва амсилаи шеърӣ дар матни ҳикоёт мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Хусусиёти фавқуззикри осори Убайди Зоконӣ то ҳанӯз дар адабиётшиносии тоҷик ба таври алоҳидаву густарда таҳқиқ нашуда буданд.

Дар ҷараёни баррасии мабоҳиси диссертатсия ба таъйини ҷанбаҳои назарии ҳунари нависандагии Убайди Зоконӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, дар ду боби охир меҳвари андешаронихои муаллифро мухтассоти назарӣ ташкил додаанд. Пажӯҳиш дар ин росто бо мақсади таъйини ҷанбаҳои гуногунпаҳлуи ҳунари насрпардозии Убайди Зоконӣ анҷом пазируфта, баёнияҳои назарӣ асосан дар гирди ҳамин меҳвар мутамарказ гардидаанд.

Муаллиф перомуни масъалаҳои асосии матраҳшаванда ҷусторҳои илмии бисёрпаҳлу анҷом дода, бо далелҳои равшан муҳимтарин мухтассоти ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зокониро муайян кардааст. Ҳама мабоҳиси аслию фаръии дар диссертатсия баррасишуда хусусияти актуалӣ дошта, дар адабиётшиносии тоҷик дорои аҳамият мебошанд.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки натиҷа ва хулосаҳои илмии бадастовардаи муаллиф дар амалияи илми адабиётшиносии тоҷик дар пажӯҳиши масъалаҳои алоқаманд ба мавқеи наср дар эҷодиёти адибон, насри адабии асримиёнагӣ, хусусиятҳои ғоявию бадеии асарҳои мансури дар алоқамандӣ ба коргоҳи эҷодии адибон арзиши муҳим доранд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои бадастовардаи муаллиф дар вақти навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ, таҳқиқи паҳлӯҳои омӯхтанашудаи эҷодиёти Убайди Зоконӣ, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансур, таҳқиқи диди бадеии адибони асримиёнагӣ дар тасвири вазъи иҷтимоӣ дар ҷомеае, ки зиндагӣ ба сар бурдаанд, метавон мавриди истифода қарор дод. Инчунин, мабоҳиси алоҳидаи рисола дар навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик, курс ва семинарҳои махсус оид ба насри бадеии асримиёнагӣ дар мактабҳои олӣ қобили истифода аст.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 18 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Убайди Зоконӣ ва дараҷаи омӯхта шудани ҳаёту фаъолияти эҷодии вай / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019.– № 2. – С. 222-228.

[2–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ ва нигоҳи оморӣ ба персонажҳои он / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 2. – С. 209-214.

[3–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Афкори риндии Убайди Зоконӣ дар «Рисолаи дилкушо» бозкунандаи афзои иҷтимоии даврони вай / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 4/4 (19) . – С. 226-231.

[4–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Қадимтарин нусхаи куллиёти У. Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 4/5 (19). – С . 191-195.

[5–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Шайх Абӯисҳоқи Инҷӯ ва вазири ӯ – Хоҷа Рукнуддини Амидулмулк – мамдӯҳони асосии Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 176-183.

[6–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Оли Ҷалоир ва муносибати намояндагони он ба шеъру адаби порсӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 247-250.

[7–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Сохтор, услуб ва мундариҷаи асосии «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ. / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Номаи Донишгоҳ. – Хуҷанд. – 2020. – №1(62). – С. 95-102.

[8–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Убайди Зоконӣ ва «Наводир-ул-амсол»-и ӯ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 171-175.

[9–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Мавқеи мисолҳои шеърӣ, басомад ва тарзи истифодаи онҳо дар «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров //

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– Душанбе, 2020. – №2. – С. 180-188.

[10–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Хусусиятҳои сабкиву услубии рисолаи «Даҳфасл»-и Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №3. – С. 173-179.

[11–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Хусусиятҳои асосии «Наводир–ул-амсол» - и Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №5. – С. 238-242.

[12–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Ҳикоёти арабии рисолаи «Дилкушо»-и Убайди Зоконӣ ва баъзе хусусиятҳои он / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– Душанбе, 2020. – №6. – С. 191-195.

[13–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Латоифи Убайди Зоконӣ ва хусусиёти сохтории онҳо / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №7. – С. 250-255.

[14–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Аҳамияти таърихӣ ва халқии осори насрии Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №8. – С. 244-249.

[15–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Ҷойгоҳи тамасхур ва киноя дар Рисолаи “Ахлоқ-ул-ашроф”-и Убайди Зоконӣ. (Место насмешки и намека в трактате “Этики аристократии” Убайда Закани) / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Номаи Донишгоҳ. – Хуҷанд. – 2021. – №1 (66). – С. 39-45.

[16–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Тамсил ва чигунагии корбурди он дар рисолаи “Ахлоқ-ул-ашроф” –и Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021.– №4. – С. 163-172.

[17–М]. Ғаффоров, Ш.Ҳ. Нақши маҷоз дар осори Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффоров / Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2021. – №4 (93). – С. 178-183.

[18–М]. Ғаффорзода Ш.Ҳ. Саҷъ ва мақоми он дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ / Ш.Ҳ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2021. – № 6 (95) . – С. 149-153.

Кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи доктории Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибуллоро дар мавзуи **«Хусусиятҳои ғоявию бадеии осори мансури Убайди Зоконӣ»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурие меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсия барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳимоя тавсия мегардад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 10 аз 25.01.2022.

Раиси ҷаласа, доктори илми филология,
профессор У. Тоиров

Котиби илмӣ, ассистент С. Дурманова

“Тасдиқ мекунам”
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
«28» январи соли 2022.